Суратҷаласаи №9

Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КВДК "Хуҷандобуканал"

13 октябри соли 2016 ш.Хуҷанд

Иштирок доштанд: намояндагони КВДК "Хуҷандобуканал": Абдуҷалилов, Баротов Ғ., Бойматов, Нозимов И., Бобоев, Олимов, Рахимиён.
аъзоёни Шӯро: Бурҳонов Р.С., Mосколенко В.П., Каримова С., Раҷабов М.
Иштирок надоштанд: 7 нафар

Рӯзномаи маҷлис:

1. Таъминоти кори обченкунак ва муаммоҳо дар ин соҳа.
2. Масъалаҳои ҷорӣ.

Вохӯрии навбатии Шӯрои машваратӣ ҷамъиятӣ бо иштироки намояндагони КВДК "Хуҷандобуканал" ва аъзоёни Шӯрои машваратӣ аз тарафи Бурҳонов Р., оғоз карда шуда иштирокчиёни ҷаласа бо рӯзномаи маҷлис шинос шуданд.

Сипас аз тарафи Абдуҷалилов фаъолияти Шӯрои машваратӣ ҷамъиятӣ дар 9 моҳи охир натиҷабардорӣ карда шуд. Инчунин дар баромади худ ӯ қайд намуд, ки барои беҳтар намудани натиҷаи кори Шӯро бояд аз ҳар маҳаллаҳо фаъолон ва инчунин раисони кумитаи маҳаллаҳо ба аъзогӣ ҷалб карда шаванд. Сипас аз тарафи аъзоёни иштирокдоштаи Шӯро дар ҷаласа пешниҳод карда шуд, ки ҳайати аъзоёни Шӯрои машваратӣ ҷамъиятӣ аз нав дида баромада шуда, аъзоёни ғайри фаъол хориҷ карда шаванд ва ба ҷойи онҳо аъзоёни нав пешниҳод карда шуда ба ҳайси аъзои Шӯро дохил карда шаванд.

Баъдан тибқи рӯзнома Сардори шӯъбаи таъмир ва насби обченкунакҳо Нозимов И. баромад намуда оиди фаъолияти шӯъба ва мушкилиҳои ҷойдошта маълумот дод. Ӯ гуфт, ки дар ин шӯъба 10 нафар фаъолият мебаранд. Дар ҳудуди шаҳр бошад зиёда аз 48,7 ҳазор ҳисобченкунакҳо васл карда шудаанд, аз онҳо 245 адад ҳиобченкунакҳо дар ҳисоби хоҷагидорӣ қарор доранд, 205 адад қуттиҳои ҳисобченкунакҳо дар маҳаллаҳои шаҳр шинонида шудаанд. Аммо ҳолати нигоҳдории ҳисобченкунакҳо ва қуттиҳои онҳо мувофиқи талабот аз тарафи аҳолӣ (муштариён) ба роҳ монда

нашудааст. Айни замон бошад бисёри қуттиҳои ҳисобченкунакҳо дар ҳолати ғайри қаноатбахш қарор доранд. Аз тарафи аҳолӣ (муштариён) шумораи бисёрии онҳо шикаста мешаванд дар баъзе ҳолатҳо онҳо сӯзонида шуда буданд, ки барои бартараф намудани ин камбудиҳо корхона маблағи зиёд сарф кардааст. Аз тарафи корхона ба чунин қуттиҳо аз нав тамға (пломба) ва қулф монда шудааст. Айни замон бошад, корхона барои таъминоти кори обченкунак маблағ надорад, зеро вақтҳои охир шумораи чунин ҳолатҳо афзуда истодааст, ки ин ба маданияти пасти истифодабарии муштариён вобастагӣ дорад. Инчунин дар баъзе ҳолатҳо аз тарафи муштариён барои санҷиши ҳисобченкунакҳо монеагӣ барои дастрасии намояндаи корхона ба ҳисобченкунак дида мешавад. Дар таҷрибаи кории корхона ҳолатҳое ҳастанд, ки баъзе аз муштариён барои кам намудани нишондоди ҳисобченкунакҳо ба онҳо сӯзан ва инчунин магнитҳоро васл намудаанд, ки ин бар хилофи қоидаҳои истифодабарӣ мебошанд, қайд намуд Нозимов И.

Пас аз баромади Нозимов И., аъзоёни Шӯро оиди паст будани сифати оби нӯшокии маҳаллаҳои 33, 34, 31 гуфта гузаштанд. Оид ин масъала чунин маълумот дода шуд, ки насоси обии мавзеи Чумчуқарал боздошта шудааст, аз моҳи ҷорӣ тибқи нақшаи марҳилаи сеюми лоиҳаи аз маҳаллаи 20 сар карда, то микроноҳияи 34 системаи обтаъминкунӣ дар ин маҳаллаҳо ба оби Хоҷа Бақирғон пайваст карда шуд, ки он ба баландшавии сифати оби нӯшокӣ равон карда шудааст. Инчунин гуфта шуд, ки дарояндаи наздик аз 19 микроноҳия то 3 микроноҳия гузаштани ба ин система барои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии сифатнок ба назар гирифта шудааст ва корҳо дар ин самт ба роҳ монда шудаанд.

Оиди чоҳакҳои кушод ва шумораи муроҷиат ба корхона намояндаи шӯъбаи таъминоти оби нӯшокии соҳили чапи шаҳри Хуҷанд баромад намуд. Ӯ дар баромадаш қайд намуд, ки ҳамарӯза аз тарафи аҳолӣ оиди чоҳакҳои кушода муроҷиатҳо ба корхона ворид мешаванд. Вале, корхона имконияти бо сарпӯш таъмин намудани тамоми чоҳакҳои кушодаро дар ҳудуди шаҳр надорад, зеро арзиши як сарпуш бо нархи давлатӣ аз 1000 сомонӣ зиёд мебошад ва бисёри сарпушакҳо аз тарафи худи шаҳрвандон барои фурӯхтан дуздида мешаванд. Айни замон бошад, корхона дар як моҳ аз 3 то 4 адад чоҳакҳои кушодаро бо сарпушак таъмин намуда истодааст. Бисёри ин сарпӯшакҳо дар чоҳакҳое, ки сарпӯшаки онҳо шикаста шудаанд гузошта шудааст.

Инчунин дар рафти ҷаласа оиди баромадани бӯй аз қубурҳои канализатсионӣ гуфта шуд ва қайд карда шуд, ки барои бартараф намудани чунин ҳолатҳо дар кӯчаву маҳаллаҳои шаҳр бояд аз тарафи шаҳрвандон ариза

ба корхона пешниҳод карда шавад ва дар навбати худ корхона ҳамеша омода аст, ки қубурҳоро фавран мувофиқи талаботҳои амалкунанда тоза намояд.

Дар охири ҷаласа қарор карда шуд, ки:

1. Ҳайати Шӯрои машваратӣ ҷамъиятӣ дар аввали соли 2017 дида баромада шавад;
2. Ҷаласаҳои навбатии Шӯро дар маҳаллаҳо ва кӯчаҳои шаҳр бо иштироки шаҳрвандон (муштариён) гузаронида шавад.

Бо ҳамин Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КВДК "Хуҷандобуканал" ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурхонов Р.С